# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи **«Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон»** ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ**: Шарипова Мадина Ёдгоровна – номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот:** хеле хуб ва бо ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамзамон бо таклифу пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифодаи хешро ёфтааст. Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил мавқеи хешро дар масъалаи тамоюли зиёди вайроншавии оилаҳоро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Воқеан, дар замони муосири кишвар ҷудошавии шумораи зиёди оилаҳои тоҷик бо сабабҳои гуногун ба мушоҳида мерасад ва он дар навбати худ омӯзиши махсуси психологиро талаб мекунад, ки муаллиф дар ин қисмати кор масъаларо равшану возеҳ нишон додааст. Махсусан, дар қисмати мубрамият таъсири манфии талоқи волидайн ба ҳолатҳои эмотсионалии наврасон бо такя ба андешаҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва русу ватанӣ амиқ омӯхта шуда, шарҳи илмӣ дода шудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ:** Бобобекзода М.А. дар ин масъала таваҷҷуҳи хешро бештар ба ду ҷанбаи меҳварӣ, яъне талоқ ва давраи наврасӣ дар заминаи донишҳои психологӣ равона намудааст ва дар ин хусус фикру мулоҳизаҳои олимони тамоми самтҳоро ниҳоят нишонрас баён намуда тавонистааст.

Аз ҷониби Бобобекзода М.А. мушкилоти ҳиссиётҳое, ки кӯдакон пас аз ҷудошавии волидайн аз сар мегузаронанд ва асари оқибатҳои он дар инкишофи психикии кӯдак аз назари олимон таҳқиқ гардидааст. Ҷолибияти кори Бобобекзода М.А. дар он зоҳир мегардад, ки наздик ба кори диссертатсионии хеш дар хориҷи кишвар, Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала киҳо даст задаанд ва дар таҳқиқи ин масъала киҳо ҳисса гузоштаанд ошкор карда шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ:** довталаби дараҷаи илмӣ тавонистааст, ки робитаи таҳқиқотро бо барномаҳо равшан нишон диҳад ва маълум шуд, ки кори таҳқиқотӣ дар чорчӯбаи корҳои илмӣ-

таҳқиқотии солҳои 2015-2020-и кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар қисмати **тавсифи умумии таҳқиқот** мақсад, вазифаҳо, объект, мавзу ва фарзияҳои таҳқиқот мувофиқи талаботи муқаддимаи кори илмӣ дуруст ба роҳ монда шудааст. Таҳқиқот дар се марҳила анҷом дода шудааст. Марҳилаҳои таҳқиқот аз таҳқиқ ва таҳлили адабиёти илмӣ, омӯзиши назария ва амалияи зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон ва марҳилаи хотимавӣ бошад аз ҷамъбасткунӣ, коркард ва ба низом даровардани натиҷаҳои таҳқиқоти гузарондашуда шаҳодат медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар шароити кишварамон масъалаи таъсири манфии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон, таҳлили психологӣ-тафриқавии хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон ва гузаронидани озмоишҳои психологӣ дар наврасони оилаҳои пурра ва нопурра бори нахуст ошкор гардидааст.

Ҳамчунин, **нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар кори таҳқиқотӣ илман исботшуда нишон дода шудаанд. Дурустии нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар қисмати амалии кори таҳқиқотӣ дар заминаи коркарди натиҷаҳои озмоишҳои психологӣ инъикос ёфтааст. Асоснокии натиҷаҳои пешниҳодкардаи довталаб бо мувофиқати муқарраpoти назариявӣ ва маълумоти кори назариявӣ-таҷрибавӣ тасдиқ карда шуда, эътимоднокии онҳо бо истифодаи методикаҳои муосири таҳқиқот роҳандозӣ шудааст.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот довталаби дараҷаи илмӣ якчанд тавсияҳои амалиро ҷиҳати рушди шахсияти комили наврасон дар муассисаҳои таълимӣ ва муҳити оилавӣ пешниҳод намудааст, ки мувофиқи мақсади кори илмӣ аст.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ** дар корҳои чопии муаллиф ифода ёфтанд, ки шумораи умумии онҳо 4 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст. Натиҷаи онҳо аз ҷониби довталаб борҳо дар конфронсҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ ироа гаштаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории автореферати диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи **«Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон»** ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, ки бо ҚҲҶТ аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 бо

тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, № 295 тасдиқ гардидааст, таҳия ва ба тартиб дароварда шудааст.

Дар баробари ин бартариҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Матни автореферати диссертатсия ба ислоҳи баъзе хатоҳои имлоӣ, китобатӣ, саҳви техникии компютерӣ ниёз дорад. Бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад аст.

Фикр мекунам, ки довталаби дараҷаи илмӣ Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил заҳмати зиёд кашидааст, корро басомонрасида ҳисобидан мумкин аст. Кор бе арзиш нест, балки арзиши баланди илмӣ-психологӣ дорад. Эродҳои гирифташуда қимати корро паст карда наметавонанд, онҳо ҷузъӣ буда, дар мазмуни кор таъсир расонида наметавонанд. Кор пас аз ислоҳи хатоҳои мавҷуда арзандаи тавсия ба дифо мебошад.

**Муқарриз,**
ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти
олии касбӣ ва баъдаздипломии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои психологӣ Х.Х. Холиқзода

**Имзои устод Х.Х. Холиқзодаро тасдиқ мекунам.**
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Х.С. Ҳакимова

03.04.2026